Бо фармони Асосгузори сулху Вахдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Рахмон “Дар бораи ба эхтиёт рухсат додани хизматчиёни харбие, ки мухлати мукарраргардидаи хизмати харбиро адо намудаанд ва даъвати навбатии шахрвандони солхои таваллуди 1989-1998 Чумхурии Точикистон ба хизмати харбӣ ва тибки талаботи Конуни Чумхурии Точикистон “Дар бораи ӯхдадории умумии харбӣ ва хизмати харбӣ” аз якуми апрели соли 2016 дар хама шахру навохии мамлакат даъвати бахории шахрвандон ба хизмати хатмии харбӣ огоз гардид.

Бо максади дар сатху сифати хуб ташкилу ба рох мондани даъвату гусели чавонписарон ба хизмати харбӣ кабл аз огози ин чорабинии мухими сиёсӣ дар Вазорати мудофиа бо иштироки сардори Раёсати мудофиа ва тартиботи хукукии Дастгохи ичроияи Президенти Чумхурии Точикистон - ичрокунандаи ухдадории раиси комиссияи даъватии чумхуриявӣ Файзуллозода Шараф Чаббор, дар пойгохи Донишкадаи харбӣ бо ширкати вазири мудофиаи Чумхурии Точикистон Шерали Мирзо, сардорони раёсату хадамоти дахлдори Вазорати мудофиа ва Ситоди генералӣ, дар Сарпрокурори харбӣ, вилоятхо ва шахру нахияхо чамъомадхо ва дигар чорабинихои пешаздаъватӣ баргузор гардиданд.

Зимни он дар асоси фармони Президенти Чумхурии Точикистон вобаста ба даъвати навбатии шахрвандон ба хизмати хатмии харбӣ тамоми масъулин - сардори Ситоди генералии Куввахои Мусаллах, рохбарони раёсату хадамоти дахлдори Вазорати мудофиа, амният, макомоти корхои дохилӣ, масъулини макомоти прокурорӣ, намояндагони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо каррупсия, кормандони Вазорати тандурустӣ, сохторхои кудратии мамлакат, комиссарони харбӣ ва дигар масъулини макомоти вобастаи давлатии даъват бо супоришхои мушаххас вазифадор гардидаанд.

Аъзоёни комиссияи макомоти давлатии даъват бахри дар сатхи баланд ба рох мондани ин чорабинии мухими сиёсӣ, риояи катъии талаботи Конуни Чумхурии Точикистон “Дар бораи ӯхдадории умумии харбӣ ва хизмати харбӣ” ва барои бартараф намудани камбудихои чойдошта тадбирхои судмандро бояд амалӣ намоянд.